# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон ба диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барой дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳолда шудааст.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии сайёҳии байналмилалӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Тадқиқоти мазкур ба ҳалли ин мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои такмили қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Он на танҳо камбудиҳои мавҷударо муайян мекунад, балки тавсияҳои амалӣ барои рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки метавонанд ба афзоиши даромади миллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон ҳамчун макони сайёҳии байналмилалӣ мусоидат кунанд. Тадқиқот инчунин ба таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта равона шудааст, ки дар онҳо танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ ба стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии Сайёҳӣ мутобиқ карда шуда, ба рушди иқтисодии онҳо мусоидат намудааст.

Диссертатсияи Самизода Ф.Д., ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯро дар амалишавии самтҳои зикршуда нишон медиҳад..

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷалаҳои илмии дигар ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Самизода Ф.Д., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 60-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Бобозода Ҷамурод Қурбон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– **Сидиқов Дилшод Ахрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, академики АМИТ,
ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон
аъзои шурои диссертатсионӣ Маҳмудзода М.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Н.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи
(Славянии) Росияву Тоҷикистон; Аминова Ф.М.

Имзоҳои Маҳмудзода М.А., Имомзода Н.М.
ва Аминова Ф.М. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«11» 07 2025